# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «22» 12 соли 2025 № 1513 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030

Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030, мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2025, №570) ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.
2. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор карда шаванд, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, ҳар сол то 10-уми январ ба Вазорати маориф ва илм аз натиҷаи иҷрои он маълумот пешниҳод намоянд.
4. Раёсати илм ва инноватсия (А. Раҳмонзода) уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардонида, аз натиҷаи иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур ҳар сол то 10-уми феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб маълумот пешниҳод намояд.
5. Директори Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» уҳдадор карда шавад, ки нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба миқдори 300 нусха тибқи талабот чоп намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Ҳомид Ҳошимзода ва муовинони вазир Равшан Каримзода, Лутфия Абдулхолиқзода, Бадриддин Музаффарзода гузошта шавад.

Асос: Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2025, №570).

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир

Муовинони вазир

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати илм ва инноватсия

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Замима
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» 12 соли 2025, № 1513

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои
Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии мақсадноки рушди
илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунандагон | Масъулин |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Тақвият додани ҳамкориҳо бо давлатҳои тараққикарда ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва илмии кишвар дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои муносибатҳои байналмилалӣ, таҳсилоти олии касбӣ, илм ва инноватсия, Маркази барномаҳои байналмилаӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>С. Сироҷзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Р. Одиназода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ |
| 2. | Ҷалби ходимони соҳаҳои илм, маориф ва сохторҳои дигари давлатию ҷамъиятӣ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ, илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 3. | Ташкили корҳои таҳлилии лабораторӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои нави илмӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ва ҷалби донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва муҳаққиқони ҷавон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | | муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 4. | Фиристодани муҳаққиқони ҷавони илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ба давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳо бо мақсади табодули таҷриба | 2026-2030 | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ,<br>Маркази барномаҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>С. Сироҷзода,<br>Р. Одиназода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 5. | Таваҷҷуҳи ҷиддӣ дар соҳаи илмҳои геология, минералогия, геокимиё, ҷустуҷӯ ва инкишофи ККФ ва петрология ГИС-технология ва харитакашии геологӣ, усулҳои геофизикии ҷустуҷӯ ва инкишофи ККФ бо мақсади таъмини кадрҳои баландихтисоси илмҳои зикршуда, ҷалби ҷавонон, муҳаққиқон бо олимону донишмандони соҳаҳои зикршуда барои пешбурди корҳои илмӣ, илмӣ-саҳроӣ ва лабораторӣ, инчунин кумакҳои моддиву молиявӣ ба онҳо | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 6. | Харидорӣ ва насби дастгоҳи микрозондии таҳлилкунандаи минералҳо ва ҷинсҳои кӯҳӣ «Jeol JXA 8100», дастгоҳи таҳлилкунандаи кимиёвии «ICP-MS, ICP-OES», дастгоҳи баландҳарорати «ТЕРМОКРИОКАМЕРА LINKAM» ва дастгоҳи таҳлилкунандаи «Романовский Спектрометр XPLORA PLUS» | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаҳои маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>М. Тоҳирзода,<br>Х. Ҳусайнзода,<br>Э. Насриддинзода, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ва факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | Ш. Хайрзода,<br>Б. Маҳмадалӣ |
| 7. | Идомаи таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои илмию таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии АМИТ ва академияҳои соҳавӣ бо асбобу анҷоми илми муосир | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаҳои маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>М. Тоҳирзода,<br>Х. Ҳусайнзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 8. | Нашри маводди илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо дарназардошти маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 9. | Гузаронидани экспедитсияҳои геологӣ, геолого-геофизикӣ, палеотологӣ-стратиграфӣ, ҷуғрофӣ, геоэкологӣ, биологӣ ва ғайра миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), ходимони илмии муассисаҳои илмӣ ва муҳаққиқони ҷавон | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 10. | Баргузории конференсия, симпозиум, анҷуман ва семинарҳои байналмилалӣ ва сафарбар | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ, | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода, |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | намудани магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), муҳаққиқони ҷавон ва олимон | | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, маркази барномаҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | А. Раҳмонзода,<br>С. Сироҷзода,<br>Ш. Сафаров,<br>С. Ниёзӣ,<br>Р. Одиназода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 11. | Баргузории озмунҳо, олимпиадаҳо аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ миёни олимон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), магистрантон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибон ва ташкилкунандагон | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>Х. Ҳусайнзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 12. | Омӯзиши илмҳои физика, кимиё, биология ва геология, риёзиёт ва информатика барои фаҳмиши амиқи табиат ва технологияҳои нав. Бунёди барномаҳои таълимии муттаҳидшуда ва таҳқиқоти муштарак | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 13. | Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин муассисаҳои илмӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ. Ҳамзамон зиёд намудани лоиҳаҳои муштарак бо корхонаҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои энергетика, сохтмон, нақлиёт, алоқа, муҳандисӣ, экология, геология, кимиё, физика, биология ва информатика | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Ворид намудани VR/AR, таҷрибаҳои виртуалӣ, озмоишгоҳҳои рақамӣ. Платформаи онлайн барои омӯзиши фаъол (PhET, Labster, GeoGebra) | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхоликзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 15. | Ширкат дар лоиҳаҳои ҷаҳонӣ ва табодули таҷрибаҳои илмии магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), ходимони илм, муҳаққиқони ҷавон ва олимону омӯзгорон. Ҳамзамон ба роҳ мондани барномаҳои илмӣ-тадқиқотии муштарак бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии хориҷӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои муносибатҳои байналмилалӣ, илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, Маркази барномаҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхоликзода,<br>С. Сироҷзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>Р. Одиназода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 16. | Истифодаи зеҳни сунъӣ ва Big Data дар биоинформатика, физика ва модели иқлим. Омӯзиши шабакаҳои нейронӣ ва кор бо Python, R ва MATLAB | 2026-2030 | Раёсаҳоти таҳсилоти олии касбӣ, илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхоликзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 17. | Тадқиқот дар соҳаи кишоварзӣ, тағйирёбии иқлим, сейсмология, геоэкология, иқтисодиёт, энергетика ва технологияи сабз. Мониторинг бо сенсорҳо ва таҳлили экосистемаҳо бо технологияи рақамӣ | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхоликзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 18. | Ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби занҳои болаёқат ба корҳои илмии тадқиқотӣ ва лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 19. | Идомаи вусъат бахшидани фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 20. | Идомаи вусъат бахшидани фаъолияти патенту ихтироот миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва олимони равияҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 21. | Идомаи ташкили мактабҳои нави илмӣ бо равияҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 22. | Идомаи зиёд намудани маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муносибатҳои байналмилалӣ, | Б. Музаффарзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Хоҷазода, |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ | | Маркази таҳлил ва ҳамоҳангсозии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи «Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика», муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | С. Сироҷзода, Н. Ҷумъамурод, А. Бобохон, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 23. | Идомаи омода намудани кадрҳои баландихтисос технологҳо, нанотехнологҳо, муҳандисон, тарҳрезон, вирусологҳо, иммунологҳо, биотехнологҳо, барномасозон ва мутахассисони соҳаи иттилоот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 2026-2030 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Л. Абдулхолиқзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 24. | Идомаи маблағгузорӣ барои харидории реактивҳои кимиёвӣ, асбобҳо ва маводди гуногуннавъ, лавозимоти техникӣ, ки барои анҷом додани таҳқиқот заруранд | 2026-2030 | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, илм ва инноватсия, шуъбаҳои маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулходиқзода, Б. Музаффарзода, А. Хоҷазода, А. Раҳмонзода, М. Тоҳирзода, Х. Ҳусайнзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 25. | Идомаи ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар доираи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, барномаю лоиҳаҳо оид ба грантҳо, ки аз ҷониби фонду ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, маркази барномаҳои байналмилалӣ, Маркази таҳлил ва ҳамоҳангсозии | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, Б. Музаффарзода, А. Раҳмонзода, С. Сироҷзода, А. Хоҷазода, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, | Р. Одиназода,<br>Н. Ҷумъамурод,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 26. | Созмон додани курсҳои кутоҳмуддат доир ба сейсмология, илм дар бораи замин дар заминаи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология ва Хадамоти геофизикии АМИТ ва додани сертификату шаҳодатномаҳо ба хоҳишмандон, ба хусус мактаббачагон, донишҷӯён, магистрантон ва ғайра | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>Ш. Каримзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 27. | Идомаи таъсиси марказҳои илмӣ-таҳқиқотии муштараки муассисаҳои академӣ, кафедра ва озмоишгоҳҳои дуалӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>Ҳ. Саидзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 28. | Бознигарии маблағи корҳои саҳроӣ-экспедитсионии тадқиқоти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Б. Музаффарзода ,<br>Л. Абдулхолиқзода,<br>А. Хоҷазода,<br>А. Раҳмонзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 29. | Таъсиси шуроҳои диссертатсионии муштарак барои ихтисосҳои нодир | 2026-2030 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулхолиқзода, |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | А. Раҳмонзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 30. | Чопи китобҳои дарсӣ ва монографияҳо дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ | 2026-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаҳои маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода,<br>Л. Абдулходиқзода,<br>Б. Музаффарзода,<br>А. Раҳмонзода,<br>М. Тоҳирзода,<br>Х. Ҳусайнзода,<br>У. Ҳасанзода,<br>ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС